Касе, ки намозеро фаромӯш кунад, пас, чун ба ёдаш ояд, адояш кунад ва (ин кораш) каффорае ҷуз ин надорад

Аз Анас ибни Молик (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Касе, ки намозеро фаромӯш кунад, пас, чун ба ёдаш ояд, адояш кунад ва (ин кораш) каффорае ҷуз ин надорад: (Ва барои ёди ман намоз бар по дор) (Тоҳо, ояти 14).

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) тавзеҳ додааст, ки ҳар ки намози фарзро фаромӯш кард, то ин ки вақташ гузашт, бояд ба маҳзи ёдоварӣ онро қазоӣ бихонад, зеро гуноҳи тарки он, каффора ва поккунандае надорад, магар ин ки мусалмон ҳарвақт ба ёдаш омад, онро адо кунад. Худованд дар китоби каримаш мефармояд: "Ва барои ёди ман намоз бар по дор." (Сураи Тоҳо, ояти 14). Яъне, намози фаромӯшшударо ҳаргоҳ ба ёд овардӣ бихон.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65088